| **Шарҳи методологӣ** | ***Методологические пояснения*** |
|---|---|
| Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **аз 1 то 15 октябри соли 2020** гузаронида шуда буд. Ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ аз тарафи ҳисобчиҳо бо роҳи саволу ҷавоб бо аҳолӣ бе талаби ягон ҳуҷҷати шахсӣ пур карда шуданд. | *Перепись населения и жилищного фонда в Республике Таджикистан была проведена **с 1 по 15 октября 2020 года.** Переписные документы заполнялись счетчиками путем опроса населения без требования документов.* |
| Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил баробари гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ, барӯйхатгирии фонди манзил гузаронида шуд. | *В период проведения переписи населения и жилищного фонда, одновременно с переписью населения, была проведена перепись жилищного фонда.* |
| Шакли 3 «Фонди манзил» барои хонаҳои истиқоматӣ, новобаста аз мансубияти онҳо ва аз он, ки дар он аҳолӣ истиқомат мекунад ё не, тартиб дода шуд. | *Форма 3 «Жилищный фонд» составлялся на жилые дома, независимо от принадлежности и от того, проживает в них население или нет.* |
| Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, мувофиқи методологияи қабулгардидаи ҷаҳонӣ, тавсияҳои СММ ва мувофиқи хусусиятҳои миллӣ, хонаҳои истиқоматӣ ба навъҳои зерин ҷудо карда шуда буданд:<br>- хонаҳои инфиродӣ (коттеҷ);<br>- хонаҳо барои истиқомати мавсимӣ (бӯстонсаройҳо);<br>- биноҳои бисёрхонагӣ;<br>- дигар намуд (юрт, вагонча, сохтмони нотамом ва ғ.). | *В период переписи населения и жилищного фонда, согласно прнятой международной методологии, рекомендаций ООН и согласно националнальных особенностей, жилые дома были разделены на следующие типы:*<br>*- индивидуальные дома (коттеджи);*<br>*- дома для сезонного проживания (дачи);*<br>*- многоквартирные дома;*<br>*- другого типа (юрты, вагончики, незаконченное строительтво и т.д.)* |
| Дар ҷилд маълумотҳо оид шароитҳои манзилии аҳолӣ, тақсимоти аҳолӣ аз рӯи минтақаҳо ва андозаи миёнаи масоҳати умумӣ ва истиқоматии манзили истиқоматӣ, тақсимоти аҳолӣ аз рӯи минтақаҳо ва намудҳои ободонӣ ва навъҳои биноҳои истиқоматии ишғолшуда, маълумотҳо оид ба шумораи умумии биноҳои истиқоматӣ бо тақсимот аз рӯи давраи сохмони бино, фонди манзили ҷумҳурӣ бо тақсимот дар сатҳи минтақаҳо ва аз рӯи шаклҳои моликият, маълумотҳо оид ба маводи бом ва маводи деворҳои беруни хонаҳо, ошёнадорӣ ва мавҷуд будани лифт оварда шудаанд. | *В томе приведены данные об жилищных условиях населения, распределение населения регионов по средней общей и жилой площади занимаемых жилых помещений, распределение населения регионов по жилищным условиям и видам занимаемых жилых помещений, данные об общем количестве жилых помещений с разбивкой по периоду строительства, жилищный фонд республики с разбивкой по регионам и формам собственности, данные об материале кровли и наружных стен домов, этажности и наличии лифтов.* |
| **Масоҳати умумии** бинои истиқоматӣ дар хонаи инфиродӣ, дар хона (квартира)-и алоҳида ё коммуналӣ ҳамчун масоҳати умумии ҳамаи ҳуҷраҳои истиқоматӣ (аз он ҷумла, масоҳати мансард, айвону пешайвон, ки гармшаванда мебошаду барои истиқомат дар давоми тамоми сол мусоид аст) ва манзилҳои ёрирасон (ошпазхонаҳо, пешайвонҳо, долонҳои дохили хона (квартира), ваннаю душхонаҳо, ҳоҷатхонаҳо, саройчаҳою анборхонаҳо ё ҷевонҳои сохташудаи хоҷагӣ) муайян карда мешавад. | ***Общая площадь** жилого помещения в индивидуальном доме, отдельной или коммунальной квартире определяется как сумма площадей всех жилых комнат (включая площадь мансард, террас, веранд отапливаемых и пригодных для проживания в них в течение всего года) и подсобных помещений (кухонь, передних, холлов, внутриквартирных коридоров, ванных и душевых, туалетов, кладовых или хозяйственных встроенных шкафов).* |
| Ба **масоҳати истиқоматӣ** масоҳати ҳамаи ҳуҷраҳои истиқоматии бинои мазкур бе назардошти масоҳати ҷевонҳои сохташуда ҳамроҳ карда мешавад. | *В **жилую площадь** включается площадь всех жилых комнат данного помещения без учета встроенных шкафов.* |

| Нашри расмии натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020: | *Распространения официальных итогов переписи населения и жилищного фонда 2020 года:* |
|---|---|
| **Ҷилди 1**<br>***Том 1*** | Шумора ва ҷойгиршавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>*Численность и размещение населения Республики Таджикистан* |
| **Ҷилди 2**<br>***Том 2*** | Ҳайати синнусолӣ, ҷинсӣ ва ҳолати ақди никоҳи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>*Население Республики Таджикистан по полу, возрасту и состоянию в браке* |
| **Ҷилди 3**<br>***Том 3*** | Ҳайати миллӣ ва донистани забонҳо, шаҳрвандии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>*Национальный состав и владение языками, гражданство населения Республики Таджикистан* |
| **Ҷилди 4**<br>***Том 4*** | Сатҳи маълумотнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>*Образовательный уровень населения Республики Таджикистан* |
| **Ҷилди 5**<br>***Том 5*** | Шумора ва ҳайати хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>*Число и состав домохозяйств Республики Таджикистан* |
| **Ҷилди 6**<br>***Том 6*** | Манбаъҳои васоити зиндагӣ аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>*Источники средств к существованию населения Республики Таджикистан* |
| **Ҷилди 7**<br>***Том 7*** | Машғулиятҳо ва намуди фаъолияти иқтисодии аҳолии машғули Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>*Занятия и виды экономической деятельности занятого населения Республики Таджикистан* |
| **Ҷилди 8**<br>***Том 8*** | Фонди манзил ва шароитҳои манзилии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>*Жилищный фонд и жилищные условия населения Республики Таджикистан* |
| **Ҷилди 9**<br>***Том 9*** | Давомнокии истиқомат дар ҷои истиқомати доимӣ ва муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>*Продолжительность проживания в месте постоянного жительства и миграция населения Республики Таджикистан* |
| **Ҷилди 10**<br>***Том 10*** | Таваллуд ва фавти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>*Рождаемость и смертность населения Республики Таджикистан* |

**Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он аз рӯи навъи биноҳои**